280080

Аз афсонаҳои халқи тоҷик



# Хаёлпараст



Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

*Аз афсонаҳои халқи тоҷик*

# ХАЁЛПАРАСТ

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

УДК 820/89/93+891,550
ББК 84тоҷик 7-4+83,8+83,3(2тоҷик)
Х-16

Х-16. **Хаёлпараст**. Душанбе. Маориф, 2018, 16 саҳ.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
НУСХАИ ҲАТМӢ

000447715
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
"КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН"
280010
891.550-3

ISBN 978-99947-1-555-8

© Маориф, 2018

# ХАЁЛПАРАСТ

Буд, набуд, як кампир буд, дар бисоташ фақат як писар дошт. Вай чунон танбалу нокора буд, ки ба гуфтан рост намеомад. Кораш аз нишастану хобидан иборат буд. Поёнро обу болоро сел барад, парво надошт. Ин аҳвол ба ҷони кампир расиду як рӯз ба писараш гуфт:

— То кай ин хел шаб ҳангию рӯз бангӣ шуда хоб меравӣ? Худо марда барои





берун офаридаааст, ту ҳам мисли дигарҳо ба кӯчаю бозор рав, харидуфурӯш кун. Ба ягон чиз соҳиб шав!

— Хайр, модар, бигӯ, чӣ кор кунам? — пурсид писар.

Модар ба дасти вай як сабадча тухм дода гуфт:

— Ақаллан ҳаминро бифурӯш, то пуле барои қути лоямут шавад.

Писар сабадчаи тухмро гирифта чанде рафт, дар роҳ дар сояи ғафси чинор нишасту сабади тухмро ба замин монда, ба хаёл рафт. «Дар ин сабад камаш панҷоҳ тухм ҳаст, — фикр кард ӯ, — инро мефурӯшаму ба пулаш як хурӯсу камаш панҷсад мокиён мехарам. Мокиёнҳо дар андак вақт тухм мекунанд, панҷсад тухм-ро мехобонам, панҷсад чӯҷа мегирам. Чӯҷаҳо калон мешаванду тухм мекунанд, камаш панҷ ҳазор тухм мекунанд, аз панҷ ҳазор тухм панҷ ҳазор чӯҷа мегирам. Чӯҷаҳоро калон мекунам, бурда фурӯхта ба пулашон ҳазор сар гӯсфанд мехарам. Гӯсфандҳо



барра мезоянд, баррачаҳо калон шуда, боз барра мезоянд, он барраҳо ҳам калон мешаванд, ба чанд рама гӯсфанд соҳиб мешавам, даҳ-дувоздаҳ чӯпон киро мекунам, гӯсфандҳоям зиёд шудан мегиранд, нисфашонро фурӯхта, ба пулаш як қасри подшоҳӣ месозам, ба ин хел қаср албатта, як зани хушрӯй лозим мешавад. Дили духтари ҳамсоя ба ман кашол, лекин ман ба духтари подшоҳ хостгор мефиристам,



подшоҳ давлату сарвати маро дида, албатта не намегӯяд. Як тӯйи дакаданг мекунам, духтари подшоҳро арӯс карда мебиёрам. Ӯро бо суруди «Ёр-ёр» ба таги чодар медароранд, ман духтари нозанинро ба канор мегирам. Духтар духтар аст, аввал ноз карда, аз ман мегурезад, аз домони куртаи ҳарираш дошта, ба тарафи худ мекашам, духтар домонашро кашида, аз дасти ман ҷудо кардании мешавад».



Ҳамин вақт фикр кард, ки агар ҳозир чашми духтарро натарсонад, баъд дер мешавад. Дар сари ҳамин фикр хост духтарро як лагад занад, пояш ба чизе расида, чашм кушод, ки сабади тухм панҷ-шаш қадам онсӯтар чаппа шудааст. Наздик рафта дид, ки ягон тухми сиҳат намондааст...

# АҶОИБОТ

Дар як мадрасаи Бухоро ҷавони қашшоқе таҳсил мекард. Азбаски ӯ ба хондан шавқи бисёр дошт, ба ҳар азобу душворӣ тоқат мекард.






Рӯзе шуд, ки на дар ҳамёни ӯ пул монду на дар ҳуҷрааш хӯрдание. Ҳамин ҳол чанд вақт давом кард. Ҷавон чӣ кор карданашро надониста, баъди фикру хаёл тадбире андешид: китоби «Шоҳнома»-ро гирифта ба кӯча баромад ва дар маркази шаҳр як майдони серодамро интихоб карда, ба «Шоҳнома»-хонӣ сар кард.

Овози баланду форам ва хониши буррову равшани ӯ диққати мардумро ҷалб




кард. Одамон дар гирди ӯ ҳалқа зада, сар то по гӯшу ҳуш шуданд. Вақте ки ӯ чанд достони «Шоҳнома»-ро хонд, китобро пӯшид. Одамон ба қадри ҳиммату қудрати худ пеши ӯ як миқдор пул гузоштанд. Ҷавон пулҳоро гирифта ба бозор рафт, гӯшту равғану пиёз харида, ба ҳуҷрааш овард. Дар он миён се дузд ӯро назора мекарданд. Дуздон аз пайи ҷавон афтоданду диданд, ки ӯ рафта ба як мадраса даромад.

Duздон ҳуҷраи ӯро муқаррар карда, интизори торикӣ шуданд. Ҳамин ки торикӣ фаро расид, оҳиста ба ҳуҷра зада даромаданду ба ҷавон гуфтанд:

— Аз ҷоят наҷунб, овозатро набарор, ки мекушемат!

Ҷавон, гӯё ин суханро нашунида бошад, дуздонро ба рӯйи курпача даъват кард:

— Марҳамат, меҳмонони азиз, хуш омадед! Ҳозир палав дам кардам, то як пиёла чой мехӯред, ош тайёр мешавад.

Бӯйи ош ба димоғи дуздон расида иштиҳояшон карнай шуд. Онҳо ба якдигарашон чашмак заданд: «аз насиба рӯй нагардон» гуфтаанд, аввал ошро бихӯрем, баъд ҳар чӣ хоҳем, мекунем.

Ҷавон ба дуздон чой дароз карда гуфт:

— Се сол аст, ки ман дар ҳамин мадраса таҳсил мекунам, чӣ одамҳое ин ҷо дидаам, шогирдони ин мадраса яке одами ростқавлу ҳалолу покиза, дигаре



дағалу бадмуомила, савумӣ хаппаки дамдузд — хулоса ҳар кас ҳар хел. Дар ҳуҷраи рӯ ба рӯ як муллобача истиқомат дорад, ӯро одат ҳамин аст, ки ҳар замон агар ягон дурӯғ нагӯяд, девона мешавад. Дишаб вақти хуфтан ногоҳ фарёд зад: «Ҳой мардум, аз ҷой хезед, ин ҷо биёед!» Одамон фикр карданд, ки шояд ин дурӯғи навбатӣ бошад, бинобар ин касе аз ҳуҷрааш набаромад.



— «Шумо чӣ хел мардуми бепарвоед, ки аз ҷоятон намеҷунбед ва ин аҷоиботро дидан намехоҳед?!» — гуфта боз баландтар дод зад он ҷавон.

— Ҷавони Шоҳномахон ҳам овозашро баландтар карда ин гапҳоро такрор кард:

— Ҳой, шумо, муллобачаҳо, чӣ хел мардуми бепарво, ки аз ҷоятон намеҷунбед ва аҷоиботро дидан намехоҳед?!

Овози ҷавонро шунида, аз чор тараф муллобачаҳо омада ба ҳуҷраи ӯ даромаданд:

— Чӣ аҷоибот аст ин ҷо? — пурсиданд онҳо.

— Мана, ин се дузди гузаро, қасди ҷону пули маро карда, ин ҷо омадаанду ман инҳоро бо палав зиёфат карданиам. Аҷоибот магар аз ин зиёдтар мешавад?!

Муллобачаҳо дуздонро дастгир карда, ба қозихона кашиданд ва баргашта ба ҷавони «Шоҳнома»-хон хабар доданд, ки надимони қозӣ дуздонро ба зиндон андохтанд.

— Хас каму ҷаҳон пок! — гуфт ҷавони «Шоҳнома»-хон.

280010

*Аз афсонаҳои халқи тоҷик*

# ХАЁЛПАРАСТ

Муҳаррир — Малика Меликова
Мусаҳҳеҳ — Меҳрӣ Саидова
Рассом — Ҳусейн Чилаев
Муҳаррири техникӣ — Наҷмиддин Зайниддинов
Тарроҳ — Қосимхуҷа Назаров

Китобчаи мазкур бо кумаки мардуми Амрико бознашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи китобча маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**Китобча ройгон паҳн мегардад.**

Ба чоп 09.08.2018 имзо шуд. Андозаи 60×84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Pragmatica.
Ҷузъи чопӣ 1,0. Адади нашр 5500 нусха.
Супориши № 101/2018.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Полиграф групп» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113. E-mail: info@polygraph-group.tj

**Китобча ройгон паҳн мегардад**

9 789994 715558

МАОРИФ

000447715
Китобхонаи миллии Тоҷикистон